Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-02 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16)

## ТАҚРИЗИ

**мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Абдулоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ**

Рисолаи номзадии Абдулоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» яке аз масъалаҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Солҳои охир, дар ҷаҳон тағйироти ҷиддии ичтимоию иқтисодӣ ба амал омада истодааст, ки дар дилхоҳ соҳаи ҷамъиятӣ таъсири худро расонида, муносибатҳои оилавӣ низ аз ин раванд истисно буда наметавонанд. Афзоиши шумораи донишҷӯён ва берун рафтани ҷавонон аз низоми анъанавии оиладорӣ муносибати навро нисбати ба роҳ мондани ёрӣ ва дастгириҳои психологӣ-ичтимоӣ ва педагогӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро тақозо мекунад, ки дар навбати худ далолаткунандаи зарурати ёрии мунтазами педагогӣ ва психологӣ ба шумор меравад.

Муаллиф дар заминаи омӯхтану таҳлил намудани таҳқикоти илмии психологӣ-педагогӣ чунин овардааст – оила аксаран ба сифати институти ичтимоӣ ҳамчун шакли устувори муносибатҳои байни одамон, ки қисмати асосии ҳаёти рӯзмарраи одамонро дар бар мегирад (алоқаи ҷинсӣ, таваллуд ва ичтимоикунонии ибтидоии кӯдакон, қисми зиёди нигоҳубини хонавода, нигоҳубини таълимию тиббӣ ва ғайра) баромад мекунад.

Муаллиф чунин иброз медорад, ки оила дар тарбияи шаҳрвандон, мустаҳкам нигоҳ доштани урфу одатҳои миллӣ, фарҳанг ва эҳёи дубораи бузургони тоҷику форс накши ҳалкунандаро дорад ва бозида ҳам метавонад. Оилае, ки дар он аъзоёни оила вазифаҳои худро дуруст қабул кардаанду иҷро мекунанд, ин оила барои ҳар як аъзои худаш ҳамчун сипари психологӣ ва ё бо ибораи дигар, паноҳгоҳи психологӣ баромад мекунад, ҳар як аъзои оила метавонад, ки мушкилоти худро дар коллективи оилавӣ ҳал кунад ва дастгирии психологию эмотсионалиро дарёфт намояд. Масъалаҳои зикргардида, яъне дастгирии эмотсионалию психологӣ, боиси рушди шахсияти комил мегардад.

*Дар ибтидои диссертатсия* мубрамии мавзуъ, дараҷаи коркарди масъала таҳлил гардида, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ ва муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, арзёбӣ шудаанд.

**Боби якуми рисолаи илмӣ «Асосҳои назариявӣ ва методологии муаммоҳои роҳнамоии педагогӣ-психологии оилаи донишҷӯён»** паҳлуҳои назариявии масъалаи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор гирифта, аз ҷумла таъкид гардидааст, ки яке аз соҳаҳои асосии амсилаҳои таъсирбахш барои дастгирии оилаҳои донишҷӯён дар чаҳорчӯбаи муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд, ки ин дар ниҳоят ба беҳтаршавии муваффақияти таълимӣ, солимии психологии донишҷӯён ва устувории оилавӣ мусоидат менамояд.

***Фасли якум*** **“Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ роҷеъ ба оилаҳои донишҷӯён дар адабиёти психологию педагогӣ”** баррасӣ карда шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон, оила барои такомули шахсият ҳамчун муҳит ба ҳисоб рафта, дар системаи фаъолияти иҷтимоӣ низоми мураккабро ташкил медиҳад. Метавон тасдиқ кард, ки оила пойгоҳи асосии рушди хусусиятҳои ҳам мусбат ва ҳам манфии шахсият мебошад. Аъзои оилаҳои ҷавон барои азбарнамоии нақшҳои нави иҷтимоии ҳамсарӣ ва шавҳарӣ, устувор нигоҳ доштани оила,

махфӣ нигоҳ доштани муносибатҳои оилавии дар раванд пайдошаванда, гузоштани саҳми шахсии ҳар як аъзои оила дар устувории он ва нақшаи оянда ва дурнамои оилаи худро тасаввур кардан мебошад. Оилаи ҷавон бояд донад ва тасаввури пешакӣ дар бораиояндаи оилаи худро дошта бошад.

***Фасли дуюм*** **"Муҳити иҷтимоию фарҳангии муассисаи таълимӣ ҳамчун роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён"** номгузорӣ шудааст, ки дар ин зерфасл муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, қабл аз ҳама тавассути таҳқиқи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқаи таърихии онҳоро баррасӣ шудааст. Ба андешаи рисоланавис бояд ба таърихи пайдоиши макотиби олӣ ва миёна таваҷҷуҳ кард. Дар нимаи дуюми асри 13 дар назди донишгоҳҳо факултетҳо ё коллеҷҳо таъсис ёфтанд ва ба онҳо нахустин дараҷаҳои илмӣ дода шуд ва чунин зинаҳоро дошт: бакалавр (баъди 3-7 соли таҳсили бомуваффақият таҳти роҳбарии профессор), магистр, доктор. Вобаста ба шароити таърихӣ принсипи фаъолияти донишгоҳҳо чунин буданд: бояд дар донишгоҳ донишҳои илмӣ (яъне донишҳое, ки саҳеҳ ҳастанду илман исбот шудаанд) мавриди истифода қарор гиранд; дар раванди таҳсилот (илмомӯзӣ ва таълиму тарбия) рӯҳияи озодӣ ва эҷодкорӣ ташкил ва муҳайё шуда бошад; қобилияти худидоракунии донишгоҳ ба воситаи омода намудани мутахассисони баланди касбӣ.

Оварда шудааст, ки дар Тоҷикистон собиқаи мактабдорӣ қадимӣ буда, то замони шуравӣ мадрасаҳо амал мекарданд. Дар замони ба сари қудрат омадани сулолаҳои тоҷику форс Бармакиён, Тоҳириёну Саффориён ва хусусан сулолаи Сомониён чунин донишгоҳҳо эҳё шуданд. Дар аҳди Салчуқиён, солҳои дар вазифаи вазир будани Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ бини Исҳоқ-Низомулмулк (1063-1092) дар як қатор шаҳрҳо: Бағдод, Нишопур, Ҳироту Балх, Марв ва ғайра бо ташаббуси ӯ мадрасаҳои сифатан нав таъсис ёфтанд, ки онҳо бо номи Низомия машҳур мебошанд. Дар мадрасаҳо ба ғайр аз Қуръони маҷид, ҳадисҳои набавӣ, инчунин, илмҳои ҳуқуқ, забон ва адабиёти араб, риёзиёт, нуҷум ва ғайра таълим дода мешуданд».

***Фасли сеюм*** **“Роҳёфтҳои педагогӣ ҷиҳати омӯзиши моҳият ва ташкили роҳнамоии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”** ҷанбаъҳо ва хусусиятҳои психологию педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар асоси таснифи намудҳои оила мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки масъалаи мазкур таваҷҷуҳи аксар муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст, ки онро пеш аз ҳама дар оилаи муқаррарӣ татбиқ кардаанд. Бино ба маълумоти онҳо, якум навъи оилаи анъанавиро” ассиметрӣ” ном гузоштаанд, ки дар он шавҳар таъмингари оила мебошад. Дар ин навъи оила зан кор намекунад. Навъи дуюми оила, “симметрӣ” ном дорад, ки дар он зану шавҳар баробар кор мекунанд. Аз лиҳози муҳлати замонӣ пайдоиш ва фаъолияти оилаҳоро В.А. Сисенко ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунад: “оилаҳои беҳад ҷавон аз 0 то 4 сол ҳаёт ба сар бурдаанд; оилаҳои ҷавон 5-9 сол; 10- 19 миёна ва миёнсол аз 20 сол боло”.

***Боби дуюми рисолаи илмӣ*** **“Таҳқиқи эмпирикии муайян кардани моҳият ва зарурияти дастгириҳои психологию педагогӣ ба оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаи таълимӣ”** низ аз чор зербоб иборат буда, мавзуи тақиқотӣ аз нигоҳи эксперименталӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, таҳқиқ шудааст.

Дар **зербоби якуми** боби дуюм, масъалаи **“Асосҳои ташкили дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ”** мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Баррасӣ ва таҳияи барномаи дастгириҳои психологию педагогӣ ва иҷтимоии аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ пешбинигардида, ки дар худ мақсад ва вазифаҳову самтҳои асосии татбиқи онро инъикос мекунад, масъалаи меҳвариро ташкил медиҳад. Мақсади асосии дастгирии психологию педагогӣ фароҳам овардани шароити муосиди психологию педагогӣ ва ҳамзамон, шароити иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад. Ёрии психологӣ ин дастгирии касбӣ аст, ки аз ҷониби мутахассис барои ҳалли мушкилотҳои психикӣ, эмотсионалӣ ва рафторӣ расонида мешавад. Ёрии

мазкур метавонад ҷанбаи ташхиснамоӣ, табобатӣ ва машваратиро фаро гирифта бошад. Дар баробари ин шаклҳои ёрии психологӣ гуногун буда, аз фардӣ то гурӯҳӣ шуда метавонанд. Агар ёрии психологӣ танҳо аз ҷониби мутахассисони касбӣ расонида шавад, пас дастгирии психологӣ бошад, метавонад ҳам аз ҷониби мутахассисони касбӣ ва ҳам аз ҷониби ғайримутахассисон ба монандӣ рафиқон, оилаҳо ва ё гурӯҳҳо расонида шавад. Дастгирии психологӣ намудҳои гуногун дорад: дастгирии эмотсионалӣ, дастгирии амалӣ, дастгирии таълимӣ.

**Зербоби дуюми** боби дуюм масъалаҳои **"Тавсифи методҳои тадқиқотӣ ва гурӯҳбандии тадқиқот. Тавсифи методҳо"** баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки дар тадқиқоти ҳам соҳаи психология ва ҳам педагогика, ҳамзамон, дар тадҳкикоте, ки тест ва методикаҳои касбии психологӣ истифода мегарданд, муҳаққиқон ба «L», «Q» ва «T»-маълумотҳои соҳаи психология рӯ меоранд. **Дар адабиёти соҳавӣ «L» - маълумотҳо (аз калимаи «life record data») тавассути** қайди рафторҳои объективии шахс дар рафти ҳаёти рӯзмарраи ӯ омӯхта мешаванд. **«Q»-маълумот (аз «Questionnaire data»).** Омӯзиш ва таҳқиқ ба воситаи методикаҳоро ва тестҳои психологиро «Q»-маълумот меноманд. **«T» - маълумотҳо (аз «objective test data») – ро дар назар доранд.** Дар натиҷа ченкунии объективии рафтор (шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ, иҷтимоӣ, фардӣ) бе муроҷиат ба худбаҳодиҳиҳо ва ё баҳогузории коршиносон ба амал меояд. Тестҳои истифодашавандаро мухтасар чунин шарҳ додан мумкин аст: **анкетаи психологӣ ҷиҳати омӯзиш ва тадқиқи вазъи оилаи донишҷӯён.**

**Методикаи арзёбӣ намудани фазои психологӣ дар гурӯҳ (аз рӯйи А.Ф. Фидлер).** Барои ташхис ва омӯзиши фазо дар гурӯҳ муаллиф аз методикае, ки аз ҷониби А.Ф. Фидлер коркард гардидааст, истифода намудааст. Қайд мегардад, ки методикаи мазкур эътимонокиаш баланд мебошад, зеро дар раванди ташхис ному насаби озмудшавандаҳо пурсида ва дарҷ намегарданд.

Дар фасли сеюми боби дуюм **«Таҳлили натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада бо назардошти амсилаи барномаи роҳнамоии педагогӣ- психологии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таълимӣ»** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ чунин андеша дорад, ки давраи мусоид дар психологияи синнусолӣ даврае номида мешавад, ки хусусиятҳои психологии шахс ва дараҷаи инкишофи зеҳнии шахс, барои барпо намудани оила ва кӯшиши худро ҳамчун шавҳар ва мардонавор худро мустақилона зоҳир намудан, имкони заруриро дода метавонад. Таҳқиқоти мазкур аз ду қисмат иборат мебошад ва қисмати якуми рисола дар муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шудааст, ки дар он шароити муайян фароҳам оварда шудааст, яъне на танҳо барои донишҷӯён, балки барои оилаҳои донишҷӯён шароити муайяну зарурӣ муҳайё карда шудааст. Дар робита ба ин, аз кафедраи психологияи донишгоҳи мазкур сар карда, то факултету раёсати ин муассисаи таълимӣ оид ба масъалаи мазкур огоҳӣ дошта, корҳои муайянро дар ин самт ба сомон расонидаанд.

Дар фасли чоруми боби дуюм масъалаи **«Ташкил ва таъмини дастгириҳои психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён бо назардошти анъанаҳои миллӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”** баррасӣ гардидааст. Барои тасдиқи самаранок ва мувофиқи мақсад будани амсилаи омоданамудаи диссертант, таҳқиқот гузаронида шудааст ва дар асоси таҳлили натиҷаҳои аз тадқиқот бадастомада амсилаи мазкур пешниҳод гардидааст. Дар ин раванд корҳои мазкур татбиқ карда шудаанд: таҳияи барномаи таҳқиқотӣ, объект ва субъекти таҳқиқот, таҳияи низоми усулҳо, интихоби методҳои касбии ташхиси психологию педагогӣ, ба даст овардани маълумоти ибтидоӣ, маълумоти ташхиси психологию педагогӣ.

Натиҷаҳои ташаккули методологии муқаррароти ибтидоии кори илмӣ, истифодаи усулҳое, ки ба объект, предмет, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мутобиқанд, айнан такроршавии натиҷаҳо ва аёнияти маълумоти ҳосилшуда,

таҳлили миқдорӣ ва сифатии онҳо, мутобиқати натиҷаҳои ҳосилшуда, ба фарзияи таҳқиқот таъмин шудааст.

Қобил ба қайд аст, ки дар баробари муваффақиятҳо дар рисола норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки диссертант мафҳумҳои назариявии «роҳнамоии психологӣ-педагогӣ»-ро бо истинод ба донишҳои илмии равоншиносӣ ва педагогӣ амиқ таҳлил мекард.
2. Муайян намудани он, ки кадом шароитҳо дар рушди роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд: муҳити оила, муносибати волидон бо оилаҳои ҷавон ва шаклҳои ҳамкорӣ байни онҳо ва ғайраҳо – арзишмандии амалии таҳқиқотро меафзуд.
3. Хуб мешуд, агар дар кори илмӣ таъсирбахшии пешниҳодҳои мушахас оид ба амалигардонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ мешуданд.
4. Диссертатсия ба талаботи меъёри забони адабии муосири тоҷик пурра ҷавобгӯ мебошад. Аммо баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузошта метавонанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон, танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода

қарор нагирифтааст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Абдулоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои психологӣ,
дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Бобоева Сайёра Бобораҷабовна

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992) 92-776-07-97.

"Имзои С.Б. Бобоеваро тасдиқ мекунам".
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З. С.

8 07 2025